Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014
дар назди Донишгоҳи давлатии
молия ва иктисоди Тоҷикистон

**Такризи**

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Ҷамшедов Маҳмадназар ба диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ).

1. **Мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ.**

Бозор як падидаи мураккаб, серпаҳлу, сервазифа буда ва дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми он ба таври гуногун маънидод карда мешавад.

Тибқи нишондоди назарияи иқтисодӣ - бозор ҳамчун «маҷмӯи муносибатҳои мушаххаси иқтисодӣ, дар алақаманди бо харидорону фурӯшандаҳо, инчунин миёнаравҳо оид ба мубодилаи пул бо мол, ки манфиатҳои иқтисодии субъектҳои муносибатҳои бозорӣ ва таъмини мубодилаи молу маҳсулоти меҳнатиро инъикос менамояд», фаҳмида мешавад.

Бозори шир ва маҳсулоти ширӣ дар ҷомеа нақши махсусро ишғол менамояд. Дар кишвари мо низ ин омили муҳим ба шумор меравад, ғизонокӣ ва нархи дастраси маҳсулоти ширӣ барои рушди ин соҳаи ҳаётам муҳим мусоидат менамояд.

Бозори шир ба ақидаи муаллифи диссертатсия – маҷмӯи ҳамгироишудаи молистеҳсолкунандагон, корхонаҳои коркард ва фурӯш бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мебошад (саҳ.23).

Муайян намудани омилҳои нигаҳдорандаи ҳаҷми тақозо ва арза оид ба шир, ки он фаъолияти субъектҳои бозори минтақавии ширро маҳдуд менамояд, имкони бозгӯи самти рушди бозорро фароҳам меорад. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди такмил додани механизми фаъолияти

бозори минтақавии шир бо дарназардошти эҳтиёҷоти аҳолии минтақаҳо бештар аён гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз се боб, 9 фасл, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёт бо фарогирии 200 номгӯй, 29 ҷадвал, 7 расм ва 7 диаграмма иборат буда, дар ҳаҷми 189 саҳифаи чопи компютерӣ ҷамъбаст шудааст.

## 2. Дараҷаи асоснокии илмӣ муқарраротҳо дастовардҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, пайваста фикру андешаҳои фитрии муаллиф мустақилона ва тавассути таҳлили иқтисодӣ назарияи рушди бозори шири Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон муаллиф хулосаву тавсияҳои хешро асоснок маънидод намудааст. Унвонҷӯ мушаххасан объект ва предмети тадқиқотро муайян, мақсад ва вазифаҳои онро пешкаш кардааст, боиси дастгирист.

Дар диссертатсия ба таври эҷодкорона методология ва методҳои муосири илмӣ мавриди истифода қарор дода шуда, он тибқи вазифаҳои гузошташудаи рисолаи илмӣ сурат гирифтааст. Нуктаҳои ба даст овардаи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан ба матни пурраи он мувофиқат менамояд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок мебошанд ва мақсаду вазифаҳои диссератсияро ҳаматарафа инъикос менамоянд. Диссертант тавонистааст таҳқиқоти муаллифии хешро оид ба муайян кардани мафҳуми бозори шир ва хусусиятҳои бозори минтақавии шир ва маҳсулоти ширӣ, таҳлили вазъи истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти онро дар иқтисоди минтақа асоснок маънидод намудааст.

## 3. Асосҳои назариявӣ, сарчашмаҳои маълумот ва навгониҳои илмии таҳқиқот.

Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои бунёдии олимони соҳа оид ба назарияи иқтисодӣ ва илми кишоварзӣ, назарияҳои муосири рушди

устувори иқтисодӣ, таҳқиқотҳо дар шакли мақола, монография ва диссертатсияҳои нашршуда, интишороти олимони ватанию хориҷӣ, барномаҳои давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар, маводҳои методӣ-таълимӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва ҳисоботҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқот аз маълумотҳои зерин, аз қабили Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои классикони назарияи иқтисодӣ, маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи вилояти Хатлон, Сарраёсати минтақавии омори вилояти Хатлон, Раёсати кишоарзии вилояти Хатлон, маълумоти омории мансуб ба рушди деҳот ва истифодаи захираҳои замин дар саросари кишвар ва минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии олимони соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ, коркардҳои шахсии муаллифи диссертатсия ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз асосноккунии илмӣ-назариявӣ, ҷанбаҳои методологӣ ва илмӣ-методӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли шир, коркард, истеҳсоли навъҳои зарурии маҳсулоти ширӣ ва фурӯши он, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозори шир дар асоси истифодаи фишангҳои иқтисодии дастгирии давлатӣ (қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолгарони кишоварзӣ бо дарназардошти рушди минтақавии хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи шир, баланд бардоштани маҳсулнокии чорво тавассути сармоягузорӣ ва афзун намудани корхонаҳои коркарди шир), ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ширии ватанӣ нигаронида шудааст, фаро мегирад.

Дар қисмати хулосавии диссертатсия дар асоси маводҳои таҳқиқотии гузаронидашуда, як қатор хулосаву тавсияҳои муаллиф нишон дода шудаанд, ки мувофиқи андешаи мо истифодаи онҳо ба рушди бозори минтақавии шири вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши нишонрас мегузорад.

Интишороти муаллиф, ки номгӯи онҳо 14-то (аз ҷумла 8-то) дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мазмуну мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд ва аз ҳама муҳим онҳо дар маҷаллаву нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Ҷиҳати мусбати дигари рисола – ин таҳияи он ба забони давлатӣ мебошад.

## 4. Мувофиқати мазмуни автореферат бо муқаррароти асосии диссертатсия.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии тадқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ): б.1.4. Муаммои ноҳиябандии иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аз рӯйи нишондодҳои моддӣ ва ғайримоддӣ; ноҳиябандии минтақаҳо ва таъсисёбии мунсипалӣ аз рӯйи минтақаҳои хизматрасонӣ; мутобиқати тақсимоти маъмурӣ-минтақавии мамлакат ба шароитҳои нави иқтисодӣ; б.1.5. Дигаргуниҳои қаламрави минтақавӣ; муаммоҳои таъсисёбии муҳити ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; фарқгузории минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳамгироии маконӣ ва дезинтегратсияи мамлакат; б.1.7.Бозори локалӣ, таъсисёбии онҳо, фаъолият ва баҳамалоқамандӣ; савдои байниминтақавӣ. Назарияи нави географияи иқтисодӣ; б.1.8. Нақши омилҳои институтсионалӣ дар тараққиёти низомҳои иқтисодии минтақавӣ. Хусусиятҳои минтақавии дигаргуншавии муносибатҳои моликиятӣ, таъсири онҳо ба сохтор ва самаранокии фаъолият ва инкишофи низомҳои иқтисодии минтақавӣ; б.1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо,

хусусиятҳои минақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ, мувофиқ мебошад.

Новобаста аз дастовардҳои зикршуда диссертатсия инчунин дорои баъзе нуқсону камбудиҳост:

1. Дар рисола аз рӯи кадом маҳак/меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо рушди иқтисодию иҷтимоии бозори шир ва маҳсулоти аз он истеҳсолшаванда арзёбӣ карда шудааст, фикру андешаи мушаххаси муаллиф муайян нагардидааст.

2. Дар кори таҳқиқотии мазкур масъалаҳои рушди савдои шабакавӣ, бунёди низоми таъминоти иттилоотии бозори молҳои истеъмолии минтақавӣ, аз ҷумла бозори шири вилояти Хатлон ба таври низомнок омӯхта нашудааст.

3. Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2012 аъзои комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии савдо аст ва дар санадҳои ташкилию ҳуқуқии он оид ба паҳлуҳои мубрами бозори шир ва зарурати он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ фикру андешаҳо ҷой доранд, вале дар диссертатсия муаллиф доир ба талаботҳои ин созмон кам аҳаммият додааст.

4. Масъалаи татбиқи амалии институти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ки яке аз масъалаи муайянкунандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии бозори истеъмолии мамлакат ва минтақа ба ҳисоб меравад, дар диссертатсия ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст, агар ба ин масъала диққати бештар дода мешуд, ҳусни кор меафзуд.

5. Унвонҷӯ дар диссертатсия доир ба мафҳуми нарх(ҳо)-и кафолатнок ба таври умумӣ ақидаронӣ намудааст, агар ба мафҳуми он баҳои илмии иқтисодӣ, роҳҳои ҳисобу китоб ва зарурати мантиқии он дода мешуд, аз ин мундариҷа ва муҳтавои кори илмӣ ғанӣ мегардид.

Нуқсону камбудиҳои ҷойдошта бартарафшаванда ва тавсиявӣ мебошанд ва ба сифати диссертатсия чандон таъсир намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ:**

Дар асоси хулоса ва баъзе эродҳои ислоҳшаванда, умуман диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқоти ҳамаҷониба ва

мустақилона анҷомёфта ва баитмомрасида ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонӣ, арзишҳои амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ҳамин монанд корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, д.и.и., и.в. профессори**
**кафедраи иқтисод ва ташкили соҳибкории**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон** **Ҷамшедов М.**

Суроғаи донишгоҳ:
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи. Деҳоти, 1/2
Тел.: +992 (372) 34-83-46
e-mail: info@tguk.tj
http://www.tguk

Имзои д.и.и., и.в. профессор Ҷамшедов Маҳмадназарро, тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДД ТТ** **Пирзода С.**